**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ**
**«ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи таълимии
ғайридавлатии «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_____________н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
«26» 11. 2020, №20

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ НАЗОРАТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

**Душанбе-2020**

# НИЗОМНОМАИ
## Шуъбаи назорати сифати таҳсилоти Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»

### 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»,Низомномаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шудааст.

1.2.Низом ва фаъолияти Шуъбаи назорати сифати таҳсилотро мудири он роҳбарӣ намуда, вазифаҳои онро дар амал татбиқ менамояд. Сохтору ҳайати кормандони шуъба вобаста ба бастҳои вазифавӣ, аз ҷониби ректори донишкада тасдиқ карда мешавад.

1.3.Шуъбаи назорати сифати таҳсилот фаъолияти худро дар асоси қонунгузории соҳаи маориф ва тандурустӣ, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таъҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Низомномаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оиннома»-и донишкада, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишкада, қарорҳои ҷаласаи раёсат Шурои олимон, фармоишу супоришҳои ректор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

1.4.Шуъбаи назорати сифати таҳсилот ҷузъи таркибии донишкада ба шумор меравад.

1.5.Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо Раёсати донишкада амалӣ менамояд.

1.6. Шуъбаи назорати сифати таҳсилот бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тиб ва маориф, иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилотро вобаста ба ихтисосҳои дар донишкада амалкунанда назорат намуда, ба ҷараёни таълиму тарбия, сатҳи сифати дониши донишҷӯён, тайёр намудани мутахассисон ва дигар паҳлуҳои фаъолияти донишкада баҳо медиҳад.

### Сохтори Шуъба

2.1.Шуъбаи назорати сифати таҳсилот ҷузъи сохтори донишкада буда, аз мудир ва аъзоён иборат аст. Мудири Шуъбаи назорати сифати таҳсилотро Ректори донишкада таъин ва аз кор озод менамояд. Мудири Шуъба барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Шуъба гузошташуда, масъул мебошад.

2.2.Мудири Шуъба вазифаҳои хизматии кормандони Шуъбаро таҳия ва барои тасдиқ ба Ректори донишкада пешниҳод менамояд.

2.3. Мудири Шуъба барои иҷрои вазифаҳои хизматии кормандон ҷавобгӯ мебошад.

2.4.Мудири Шуъба барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф масъул мебошад.

## 3. Вазифа ва ухдадорихои Шуъба.

Шуъбаи назорати сифати таҳсилот вазифа ва уҳдадориҳои зеринро иҷро менамояд:

3.1.Бо мақсади баҳодиҳии сифати таҳсилот дар сохторҳои донишкада тибқи нақшаи корӣ санҷиш мегузаронад.

3.2.Донишкадаро бо дастурҳои иттилоотии технологӣ ҷиҳати амалӣ намудани тартиби назорат ва баҳодиҳӣ таъмин менамояд.

3.3.Оид ба вазъи санҷиш ва таҳлили сифати таҳсилот дар кафедраҳо ва факултетҳои донишкада гурӯҳи корӣ ташкил мекунад.

3.4.Пешниҳод ва маълумотнома оид ба натиҷаи санҷиш ба ҷаласаи Раёсат ва ба Шӯрои олимони донишкада омода менамояд.

3.5.Ҷиҳати иҷроиши қарорҳои ҷаласаҳои Шӯрои олимон ва Раёсати донишкада назорат мебарад.

3.6. Оид ба ба вазъи иҷрои нақшаҳои таълимӣ ва сарбориву нақшаҳои инфиродии омӯзгорони кафедраҳо санҷиш мегузаронад.

3.7. Дар кори аттестатсияи донишҷӯёни хатмкунанда ва муайян намудани сатҳи дониши назариявию амалии онҳо иштирок менамояд, тавсияҳо ва таклифҳо пешниҳод менамояд.

3.8. Дар самти сатҳи тахассусии ҳайати профессорону омӯзгорон ва мувофиқати онҳо ба вазифаашон ба унвони Раёсати донишкада маълумотнома ирсол менамояд.

3.9.Вобаста ба натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда, ҷиҳати ҳавасмандгардонии ҳайати профессорону омӯзгорони ва фаъолияти онҳо хулосаҳои худро ба унвони ректори Донишкада ва кумитаи иттифоқи касабаи устодону кормандони донишкада манзур менамояд.

3.10.Раванди таҷрибаи таълимӣ-истеҳсолӣ, таълимӣ ва таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, фаъолияти методистону донишҷӯёнро дар рафти таҷрибаомӯзӣ назорат менамояд.

3.11.Доир ба иҷрои нақшаҳои корҳои илмӣ –тадқиқотии факултетҳо дар ҳамкори бо самти илмӣ донишкада санҷиш мегузаронад.

3.12Мураттаб сохтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ, ҷиҳати гузаронидани мониторинги назорти сифати тайёр намудани мутхассисон дар донишкада.

3.13.Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати дарсҳои лексионӣ, ва машғулиятҳои амалӣ омӯзгороне, ки ба вазифаи ассистент, омӯзгорони калон, дотсентон ва профессорон тавсия мешавад.

3.14. Вобаста ба сифати кори устодон, малакаю маҳорати касбии онҳо аз нигоҳи донишҷӯён анкета (пурсишнома) гузаронидан.

3.15.Дар рафти гузаронидани мониторинг таҳлил ва таҳиқи ҷиҳати баҳодиҳӣ ба ҳолати низоми таҳсилот дар донишкада ва дигаргуниҳои бавуҷуд омада.

3.16-Тавассути назарпурсӣ аз нигоҳи донишҷӯён муайян намудани сифати гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон

3.17.Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти пурра ва ҳаматарафа оид ба вазъӣ низоми таълим дар донишкада.

3.18Назорат ҷиҳати такмил додани барномаҳои таълимии соҳа (ихтисос)-ҳои донишкада бо мақсади таъмин гардонидани мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандартҳои байналмиллали таҳсилоти олии касбӣ.

3.19.Таҳия ва истифодаи усулҳои муосири назорат ва таҳлили сифати таҳсилот.

3.20.Нозорати фаъолияти кафедраҳо, ҷиҳати мувофиқати барнома ва силабусҳои фан ба талаботи стандарти давлати таҳсилоти олии касбӣ.

3.21Назорати ҷиҳати пайдарпайии мавзуъҳо дар барнома, силлабусҳои фанҳои таълимии кафедраҳо ва иҷрои ҳаҷми кредитҳо.

3.22.Назорат ҷиҳати татбиқи усулҳои фаъоли таълим ва салоҳиятнокӣ дар раванди таълим;

2.23Таҳлили муқоисавии дастовардҳои таълимии донишҷӯён дар давраи таҳсил.

3.24.Назорат ҷиҳати таъмини ҳолати ҳуҷҷатгузориии таълимию методӣ (барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, саволнома, супоришҳои тестӣ ва маводи имтиҳонҳои фосилавӣ;

3.25.Назорати дар самти омода намудани саволномаҳои имтиҳони ҷорӣ ва имтиҳонҳои давлатии хатм, мувофиқати онҳо бо барнома, нақшаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии таҳсилот;

3.26.Таҳияи талаботи меъёрӣ барои омӯзгорон дар самти амалгардонидани корҳои назоратию баҳогузорӣ ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён;

3.27Муайян намудани омилҳое, ки ба сифати таҳсилот таъсиркунада;

3.28.Таҳлили дараҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён.

## 4. Ҳуқуқ ва вазифаҳои Шуъба

Шуъбаи назорати сифати таҳсилот барои амалӣ намудани вазифаҳои ба зимааш гузошташуда ҳуқуқ дорад:

4.1.Барои иҷрои вазифаҳое, ки ба салоҳияти Шуъба дохиланд, маводҳо ва ҳуҷҷатҳои заруриро дархост ва талаб намояд.

4.2.Бо супориши роҳбарияти донишкада назорат ва санҷиш мегузаронад. Ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти кори Шуъба дохиланд, баҳо дода, риояи талаботи муқарраргардидаро дар соҳаи назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот назорат менамояд.

4.3.Ба Ректори донишкада оид ба ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шуъба дохил мешаванд, таклифҳо пешниҳод менамояд.

4.4. Дар ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти кори Шуъба дохил мешаванд, бо Ректори донишкада ва дигар сохторҳои он ҳамкорӣ менамояд.

4.5.Дар бораи беҳтар ба роҳ мондани самаранокии сифати таълим ва баланд бардоштани сатҳи корҳои таълиму сифати тайёр намудани хатмкунандагон ба Ректори донишкада таклифҳо пешниҳод менамояд.

4.6.Рафти иҷрои қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи тиб ва маориф назорат менамояд.

4.7.Сатҳу сифати таълим ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯёнро дар донишкада назорат мекунад.

4.8.Дар ҳолати ошкор намудани қонунвайронкуниҳо, сӯистеъмол аз мансаб, бемасъулиятӣ аз ҷониби ҳайати профессорон ва омӯзгорон ва кормандон нисбати онҳо оид ба додани ҷазоҳои интизомӣ ва дигар намуди ҷазоҳо ба роҳбарияти донишкада таклиф пешниҳод менамояд.

## 5.Муқаррароти хотимавӣ

5.1.Низомномаи мазкур баъди тасдиқ мавриди амал қарор дода мешавад.

5.2.Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраршуда ворид карда мешавад.

5.3.Амали Низомномаи мазкур дар ҳолати қабул гардидани Низомномаи нав қатъ мегардад.

5.4.Ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулияти мудири Шуъба ва дигар кормандони Шуъба дар дастурамалҳои вазифавӣ, ки аз ҷониби ректори донишкада тасдиқ карда шуда, пешбинӣ мегарданд.

5.5.Дар сурати қатъ шудани фаъолияти Шуъба масъалаҳои супоридан, нигоҳ доштан ва истифодаи минбаъдаи ҳуҷҷатҳои он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

5.6.Масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи Шуъба тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

**Замима 1 Феҳрасти ҳуҷҷатгузории Шуъба**

1.Қарорҳо, фармонҳо, дастурҳо, санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Қарорҳо, фармоишҳои дастурҳо, санадҳои меъёри-ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Чумҳурии Тоҷикистон

.3.Фармоиш ва дастурҳои Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.Фармишҳои ректор ва супоришҳои муовинони ректор.

5.Қарорҳои ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада.

6.Қарорҳои ҷаласаи раёсати донишкада.

7..Нақшаҳои кории Шуъба.

8.Дастурамалҳои вазифавии кормандон.

9.Нақшаҳои инфиродии кормандон.

10.Ҳисоботи солонаи Шуъба

11.Намунаи анкетаҳо(пурсишнома)

12.Саволномаҳои рейтинги фосилавӣ ва саволномаҳои имтиҳонӣ аз фанҳои таълимии кафедраҳо.

13.Дафтари бақайдгирии иштироки кормандон ба дарсҳо.

Низомномаи Шуъбаи назорати сифати таҳсилот дар ҷаласаи Шӯрои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» аз «_____»_______ 2020, №_____ баррасӣ ва ҷонибдорӣ карда шудааст.